*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

Моҳи феврали соли 2022, №2 (79)

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

## *23 феврал Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

### *Суханронии ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Исозода Д.Т. ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон*




***Омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони муҳтарам!***

Бо камоли мамнуният аз номи Раёсати донишкада ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният мегӯям.

Ин ниҳоди пурқудрати кишвар зодаи даврони истиқлолият буда, ҳамасола рӯзи 23-феврал ҳамчун Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад.

Масъалаи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ 18-уми декабри соли 1992 бо ҷаҳду талошҳо ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар пойгоҳи аэродроми "Айнӣ", ки дар ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Рӯдакӣ ҷойгир мебошад, баррасӣ ва хулосабарорӣ гардида буд. Рӯзи 23-юми феврали соли 1993 бошад дар майдони "Дӯстӣ"-и пойтахти мамлакат аввалин гузашти ҳарбии ҷузъу томҳои гарнизони Душанбе баргузор гардида, он рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

Дар солҳои душвори мухолифатҳои дохилӣ (1992-1997) афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ қарзи ватандории хешро содиқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ рисолати худро ба таври шоиста адо ва дар ин ҷода тибқи дастуру ҳидояти Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал мекарданд.

Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳ бо дастгирию ғамхориҳои пайвастаи роҳбарияти олии давлату Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба нерӯи тавонои дифои кишвар табдил ёфта, амнияту дахлнопазирии марзу буми мамлакатро таъмин месозад.

Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 сар карда, пайваста дар тамринҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, дар қатори қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои ИДМ, дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ ва зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, саҳми муносиби худро гузошта истодаанд.

Бо боварӣ ва эътимод метавон гуфт, ки ҷиҳати таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони азизамон, хизматчиёни ҳарбии ҳамаи ҷузъу томҳои Қувваҳои Муссалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ҳисси баланди ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, азму иродаи қавӣ, интизоми устувори ҳарбӣ, дониш маҳорати мукаммали касбӣ ва зиракии доимии сиёсӣ зоҳир менамоянд.

Имрӯз вақти он расидаст, ки ҷавонони бонангу номуси кишвар ихтиёран ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил шаванд ва ҷун як тану як ҷон бахри оромиву осудагии Ватан камари ҳиммат баста, хизмати Модар-Ватанро сарбаландона ба ҷо биоранд.

***29-умин солгарди рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад!***

## АРТИШИ МИЛЛӢ-КАФИЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

***Ҳимояи марзи муқаддаси Ватан шараф ва нангу номуси ҳар як шахс маҳсуб меёбад.***

Дӯст доштани сарзамини аҷдодӣ, азизу муқаддас нигоҳ доштани ҳар ваҷаб хоки диёр ин танҳо дар сухан ва ситоиш намудани он нест, балки мардонавор ҷони худро сипар ва вуҷуди худро ҷавшани Ватан намудану қарзи фарзандии худро дар сафҳои Артиши миллӣ ва Қувваҳои мусаллаҳи он адо кардан аст. Вале мутаассифона имрӯз баъзе аз ҷавонон ин шараф ва эътибори бузургро, ин фурсати тиллоии исботи мардонагиро аз даст дода, аз муқаддастарин қарзи ҷавонмардӣ-хизмати модар- Ватан сарпечӣ мекунанд.



Падарону бобоёни шарафманди мо дар душвортарин солҳо дар ҳассостарин шароит, солҳое, ки дар мамлакати мо чунин рӯзҳои пурсаодатро орзу мекарданд, дар он солҳое, ки кишвари мо зери хатар буду мардон берун аз хона рафта, умеди баргаштан надоштанд. Аммо аз хизмати Модар-Ватан худро канор нагирифтанд. Ҷони азизи худро қурбон намуданду дар баҳои он ин замони осоиштаву ором, зиндагии шоиста, Ватани соҳибистиқлол ва фазои дӯстиву рафоқат ва якдиливу ваҳдатро ба мо чун мероси гаронбаҳо ҳадя намуданд. Ин Ватани дилрабову ин зиндагии осудаи кишвари худро ҳифз намудану ба қадри Истиқлолияту амнияти он расидан барои ҳар як ҷавонмарди имрӯза исботи садоқат мебошад.

Ҷавонон танҳо бо роҳи ҷасуриву далерӣ ва мардонавор, бо сари баланд хизмати Модар –Ватанро ба ҷо оварда ва ин хизматро аз дилу ҷон адо намуда, мардонагиву вафодорӣ ва садоқати фарзандӣ ва қарзи шаҳрвандии худро исбот карда метавонанд. Бояд қайд кард, ки имрӯз шароити буду боши хизматчиёни ҳарбӣ дар қисмҳои низомӣ, иқтидори мудофиавии Аритиши миллии Тоҷикистон нисбат ба даҳсолаҳои охир дар дараҷаи хуб қарор дошта, ягон душворӣ дар ин самт мавҷуд нест.

Вазъи сиёсии печдарпечу мураккаби имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон мо ҷавононро водор ва ҳушёр месозад, ки дар ҳифзи якпорчагии Ватан, таъмини Истиқлолият, иқтидори мудофиавии он саҳмгузор бошем ва бо нангу номуси ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва хештаншиносӣ қарзи шаҳрвандии худро баҷо биёрем.

Ногуфта намонад, ки Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита дар ин самт таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, доимо барои беҳбудии шароити маишиву хизматии хизматчиёни ҳарбӣ ва аз ҳаёту зиндагии онҳо бохабар гашта, чораҳои дахлдор меандешад.

Ҷавонони бонангу номӯси ватандӯст, ки имрӯз дар сафҳои артиши миллӣ адои хизмат мекунанд, боиси эътимоду боварӣ ва ифтихори Пешвои миллат мебошанд.

Ба ин муносибат ман ба халқи бузурги тоҷик ҷашни таъсисёбии рӯзи Артиши миллиро сидқан ва самимона табрику таҳният гуфта, ба хонадони ҳар як фарди тоҷик сулҳу осоиштагӣ , дӯстиву рафоқат ва дастурхони пур аз файзу баракатро орзумандам.

**Подполковник Сатторзода Хуршед Абдулҳайд, сардори сикли тайёрии тактикӣ-оташфишонии кафедраи ҳарбии Донишкада**

## Артиши миллӣ –сипари боэътимоди Ватан!

Ҳамасола Артиши миллиро 23-уми феврал дар сар то сари Тоҷикистон ҷашн мегиранд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 43 чунин оварда шудааст: «Ҳифзи Ватан, ҳимояти манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад».

Имсол 29-умин солгарди Артиши миллӣ ҷашн гирифта мешавад. Ҳарчанд, ки Артиши миллии мо дар вазъи бисёр вазнин сиёсиву иқтисодии кишвар таъсис дода шуд, вале дар натиҷа тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат марҳала ба марҳала устувору қавитар гардида, имрўз бо кадрҳои донишу малакаи баланди касбӣ, техникаву таҷҳизоти муосир таъмин мебошад. 18-уми декабри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор ба имзо расида, Артиши миллӣ таъсис дода шуд. 23-уми феврали соли 1993 нахустин сафороии ҳарбии Артиши миллӣ баргузор гардид, ки он рўз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ эълон карда шуд.

Афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ (1993—1997) ва шиддат гирифтани вазъи минтақаву ҷаҳон қарзи ватандории хешро садоқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ рисолати фарзандиву шаҳрвандии худро ба таври шоиста адо мекарданд.

Имрӯз сокинони мамлакат дар симои Қувваҳои Мусаллаҳ муҳофизи худро дида, онро сипари боэътимод медонанд. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дараҷаи касбияти аскарону афсарон ва вазъи моддию техникии имрӯзаи Артиши миллӣ аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии он ба куллӣ фарқ менамояд.

***Асоев С., омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ***



## ДАЛЕРӢ КУН, КИ МАЙДОН АЗ ДАЛЕР АСТ...

***Аз таъсиси Артиши милли 29 сол пур мешавад Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Точикистон зодаи Истиқлолият буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтаанд.***

Баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои навтаъсис, алалхусус давлатҳои мустақили Осиёи Марказӣ дар заминаи биною иншооти амнияти ҳарбидошта, қувваҳои мусаллаҳи хеш ро бунёд намуданд.



Ҳамзамон онҳо аз Артиши пурқудрати Шӯравӣ техникаи мухталифи ҷангӣ ва яроқу аслиҳаи гуногунро мерос гирифтанд. Вазъи душвори ҳарбӣ-сиёсии он солҳо имкон надод, ки Тоҷикистон аз мероси Артиши Иттиҳоди Шӯравӣ бархӯрдор гардад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дивизияи тирандози 201-уми Федератсияи Руссия ҷойгир буд. Мутаассифона, он замон дар ҷумхурӣ ҷанги шаҳрвандӣ ҷараён дошт ва милликунонии он метавонист сабабгори васеъ ва тулонӣ гардидани ин муноқиша гардад.

Раванди ҳодисахои баъдӣ исбот намуд, ки дар ихтиёри Россия мондани дивизияи 201-ум, ягона роҳи ҳалли дуруст ва ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон аст.

Аз рӯзҳои аввали таъсиси Аритиши миллӣ афсарони мо баробари сангарҳо ҷангиданд, ба танзими сохтори ташкилию штатии худ машғул шудаанд. Таҳкурсии моддӣ-техникӣ умуман вучуд надошт. Норасоӣ ба кадрҳои ҳарбӣ ва мутахассиони касбӣ дар ҳама ҷанбаҳо ҳис мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар солҳои душвори муқовимат, роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андухт ва ба яке аз Артишҳои касбии минтака табдил ёфт.

Бояд зикр намуд, ки солҳои аввали таъсисёбии Артиши миллӣ мо ба мушкилоти нарасидани кадрҳои ҳарбӣ ру ба ру шудем ва дар ин ҷода Федератсияи Россия ба мо дасти кўмак дароз кард.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ хизматчиёни ҳарбии мо дар макотиби олии Вазорати мудофиаи ин кишвар таълим мегиранд.

Натиҷаи омӯзиш дар семинару курсҳои бозомузӣ ва такмили ихтисоси афсарон, ки ҳар сол дар дохил ва хориҷи кишвар барои такмили донишҳои назариявию амалӣ мегузаранд, қаноатбахшанд. Ин тадбирҳо дар бахши тайёрии мутахассисони ҳарбӣ ва такмили таҷрибаи афсарон минбаъд низ идома меёбанд.

Мустаҳкам намудани руҳияи низомии сарбозону афсарон, ҳифзи ормонҳои абадзиндаи ватандустӣ, эҳтиром ба мукаддасоти Ватан, ифтихори миллӣ, шохаи асосӣ ва муҳими корҳои тарбиявӣ дар артиш маҳсуб меёбад.

Таърихи каҳрамонию шуҷоат, далерию матонати падарону бобоёни мо бар ҳар як хизматчии ҳарбӣ дарси ибрат аст ва ташаккули хусусияти миллӣ доштани артиш, муносибати халқ ба хизмати ҳарбӣ ва эҳтироми мардуми Тоҷикистон ба заҳмати ҳарбиён таъсири нек мерасонад.

Ба кисмҳои ҳарбӣ ветеранҳои ҷангу меҳнат даъват ва бо сарбозон вохӯриҳо ташкил карда мешаванд.

Бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ дар Вазорати мудофиа баҳри баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва тартибу интизоми қавӣ корҳои зиёде амали карда мешаванд.

Айни замон ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа ба ҳайати неруҳои ҳарбии сулҳҷӯйи байналмилалӣ шомил нагаштаанд ва агар лозим шавад неруҳои ҳарбии мо омода ҳастанд, ки дар ин ҳайат фаъолият намоянд. Ҳар як давлати соҳибистиқлол дар ҳифзи суботу амнияти худ ба Артиши миллӣ такя мекунад.

***Гулмирзоев С.Б., саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ***

## ПОСБОНОНИ ШУҶОИ ВАТАН

Аз ин рӯ санаи 23 феврал дар Донишкада бо ташаббуси бахши тарбия ва омӯзгорони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ ва кафедраи забонҳо Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба “Рӯзи Артиши миллӣ” таҳти унвони “Посбонони шуҷои Ватан” баргузор гардид. Дар конференсия муовини ректор оид ба тарбия, тарғибот ва масоили иҷтимоӣ Шарифова З.Ҷ. ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар кушодашавии конференсия муовини ректор оид ба тарбия, тарғибот ва масоили иҷтимоӣ Шарифова З.Ҷ. суханронӣ карда, қайд намуданд, ки «Артиши миллии мо дар вазъияти бисёр вазнини сиёсиву иқтисодии кишвар таъсис дода шуд, вале дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат марҳала ба марҳала устувору қавитар гардида, имрўз бо кадрҳои донишу малакаи баланди касбӣ, техникаву таҷҳизоти муосир таъмин мебошад.»

Ҳамчунин зимни баргузории конференсия аз ҷониби донишҷӯёни Донишкада



маърӯзаҳо дар мавзӯъҳои гуногун оиди Артиши миллӣ ва дӯст доштани Ватан ба иштирокчиён пешкаш гардонида шуд.

Дар хотимаи конференсия омӯзгорон Юсупова З., Асоев С., Гулмирзоев С. ва Имомов Х. низ баромад намуда, дӯст доштани Ватан ва чун гавҳараки чашм нигоҳубин кардани як ваҷаб хоки онро таъкид намуданд.

**«НУРАФШОН»**

# ЭҲЁИ ҶАШНИ САДА АЗ ШАРОФАТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ АСТ

Иди Сада ҳанӯз аз асрҳои қадим роиҷ буда, ҳамчун нахустин муждаи Наврӯз зикр мегардад. Аз замонҳои қадим Иди Сада 50 рӯз пеш аз фарорасии Наврӯз, яъне рӯзи 10-уми баҳманмоҳ мувофиқ ба санаи 30-юми январ ҷашн гирифта мешуд. Анъана ва расму оинҳои мардуми ориёитабор таърихи беш аз 3-ҳазорсола доранд. Расму оинҳои қадима бештар дар ҷашнҳои то имрӯз боқимонда, аз қабили Шаби Ялдо, Сада, Наврӯз, Меҳргон ва ғайра таҷассум ёфтаанд. Дар асари машҳури Умари Хайём «Наврӯзнома» омадааст: «Афридун ҳамон рӯзе, ки Заҳҳок бигрифт, Ҷашни Сада барниҳод ва мардумон, ки аз ҷавру ситами Заҳҳок раста буданд, писандиданд ва аз ҷиҳати фоли нек он рӯзро



ҷашн карданд ва ҳар сол то ба имрӯз ойини подшоҳони некаҳдро дар Эрон ва даври он ба ҷой меоваранд». Аммо Абӯрайҳони Берунӣ гуфтааст: «Сада гӯянд, яъне сад ва он ёдгоре аз Ардашери Бобакон аст ва дар иллату сабаби ин ҷашн гуфтаанд, ки ҳар гоҳ рӯзҳо ва шабҳоро ҷудогона бишморанд, миёни он ва охири сол адади сад ба даст меояд ва бархе гӯянд, иллат ин аст, ки дар ин рӯз зодагони Каюмарс падари нахустин дуруст сад тан шуданд ва яке аз худро бар ҳама подшоҳ гардониданд ва бархе бар онанд, ки дар ин рӯз фарзандони Машӣ ва Машиёна ба сад расиданд ва низ омада шумори фарзандони Одам Абулбашар дар ин рӯз ба сад расид». Оё медонед, ки калимаи «Сада» дар китоби «Авесто» ҳам ба маънои тулӯъ кардан ва ҳам ба маънои ғуруб кардан омадааст ва ба гумони зиёд, ҷашни Сада ба як ҳодисаи кайҳонӣ, яъне тулӯъ ва ғуруби ҳамзамони ду ситораи пурнуру дурахшон дар нахустин шабҳои баҳманмоҳ дар ҳудуди панҷ ҳазор сол пеш иртибот дошта бошад. Тавре донишманди эронӣ Ризо Муродии Ғиёсободӣ навиштааст: «Ҷашни Сада ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ як аз ақвом ё адёни бостон иртиботе надошта ва ҳамвора ҷашне ҳамагонӣ ва баргирифта аз шароити иқлимӣ ва рӯйдодҳои кайҳонӣ будааст». Номи ҷашни Сада аз рақами 100 (сад) гирифта шудааст. Дар забони паҳлавӣ он дар шаклҳои гуногун: сат, сатаг, сазак ва ё саз омадааст ва арабҳо онро «сазак» номидаанд. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим» сабаби «Сада» номгузорӣ шудани ҷашни мазкурро мансуб ба миқдори рӯзҳои боқимонда то иди Наврӯз – яъне 50 шабу 50 рӯз медонад. Ҳамин фикрро ӯ дар «Осор-ул-боқия» чунин баён кардааст: «Эрониён пас аз он ки кабиса бартараф шуд, дар ин вақт, яъне ҳангоми ҷашни Сада мунтазир буданд, ки сармо низ аз эшон бартараф шавад ва давраи он ба сар ояд, зеро онҳо оғози зимистонро рӯзи панҷуми моҳи обон, яъне 27-уми октябр мешумориданд ва охири зимистони бузургро рӯзи даҳуми моҳи баҳман меҳисобиданд, яъне 30-юми январ ва ба унвони Сада ҷашн мегирифтанд. Тибқи иттилои маъхазҳо, дар аҳди Ҳахоманишиён ҷашни Сада бештар дар ҳавои озод, дар талу теппаҳо баргузор мегардид, шаҳриёрону ҳакимон назру ниёзи худро бо дархости саодату пирӯзӣ ба зердастону деҳқонон, эҳтиёҷмандону камбағалон ба ҳайси ҳадя медоданд. Маълумоти казоӣ дар бораи ҷашни Сада дар давраи Сосониён вуҷуд надорад, вале дар бораи ҷашни Сада барпо намудани Маликшоҳи Салҷуқӣ бо иштироки шоирону ҳунёгарон иттилооти муфид боқӣ мондаанд. Дар замони ҳукмронии Султон Масъуд ҷашни Сада ба ҷараёни сафари ӯ рост омадааст. Султон дастур додааст, ки дар роҳи Марв саропардае дар лаби ҷӯй бизананд ва тахти баланде бисозанд. Вақте Сада фароз омад, нахуст султон ба сари он тахт нишаст, надимону мулозимон низ ҷамъ омаданд ва оташ ба ҳезум заданд, ки фурӯғи он, тавре ки дар маъхазҳо ишора шудааст, аз 10 фарсах мушоҳида мешудааст. Чунин ҷашни пуршукӯҳи Сада дар Исфаҳон, дар канори дарёи Зояндаруд низ баргузор шуда, ки Ибни Асир роҷеъ ба он дар «Комил-ут-таворих» иттилоъ додааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати истиқлолияти бадастомада, иди Сада аз нав эҳё гардид ва минбаъд ҳамасола онро дар ҷумҳурӣ санаи 30-юми январ бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегиранд. Мувофиқи маъхазҳои таърихӣ, иди Сада таърихи аз 3 то 5 ҳазорсоларо доро мебошад. Калимаи Сада аз забони мардуми ориёӣ гирифта шуда, оташро ифода менамояд. Дар таърих аввалин подшоҳе, ки иди Садаро ҷашн гирифтааст, Ҳушанг мебошад.

Сада чун идҳои Наврӯзу Меҳргон яке аз ҷашнҳои басо қадимии мардуми ориёинажод буда, дар аҳди қадим хеле мутантану пуршукӯҳ, бо шодию сурур, оташафрӯзию гулханфурӯзӣ, рақсу тарона ва оростани хони пурнозу неъмат ҷашн гирифта мешуд.

***Абдуалиев Б.С., сардори маркази табъу нашр ва китобхонаи анъанавию электронӣ***

**НУРАФШОН**

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

*ТАРРОҲ:* Абдуалиев Б.С.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.
Ба хотири гуногунандешӣ маҷолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.

Сомонаи интернетӣ: www.det.tj